# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Шарипов Ҳалим Ҳокимович дар мавзуи “Хусусиятҳои ташаккулёбии арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён - омӯзгорони оянда дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ” (дар мисоли коллеҷҳои омӯзгории вилояти Хатлон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст

*Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.* Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Шарипов Ҳалим Ҳокимович дар мавзуи “Хусусиятҳои ташаккулёбии арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён - омӯзгорони оянда дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ” (дар мисоли коллеҷҳои омӯзгории вилояти Хатлон) ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мутобиқат дорад.

*Мубрам будани мавзуи диссертатсия.* Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи Шарипов Ҳалим Ҳокимович яке аз мавзуъҳои ҳалталабе мебошад, ки тайёр ва омода намудани кормандони соҳаи омӯзгорӣ дар шароити имрӯза боису нигаронӣ дар мазмуни таҳсилоти миёна ва олии касбӣ мегардад, ки бештар бо васеъшавӣ ва дигаргуниҳои сифатии доираи фаъолияти касбии онҳо алоқаманд мебошад.

Аз ин нуктаи назар, унвонҷӯй мавзуи бисёр муҳимеро барои таҳқиқ интихоб кардааст ва хеле дуруст таъкид менамояд, ки яке аз вазифаи муҳими низоми омода намудани донишҷӯён – омӯзгорони ояндаи коллеҷҳои омӯзгорӣ барои синфҳои ибтидоӣ – дар онҳо ташаккул додани арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ дар фаъолияти педагогӣ ба ҳисоб меравад. Зеро тарбияи ҷисмонӣ дар қатори сифатҳои муҳиму асосии шахсият дохил буда, сатҳу дараҷаи фарҳанг ва рушду густариши онро тавсиф мекунад. Масъалаи рушди ҷисмонӣ гуфта, набояд танҳо омодагии ҷисмониро, балки донишҳо роҷеъ ба тарзи ҳаёти солим, таълими маҳорату малакаҳои ташкили фаъолнокиву ҳаракатро дар назар дошта бошад, ки вазифаҳои асосии он ташаккул додани таваҷҷуҳу рӯоварӣ ба ҳифзи устувории саломатӣ тавассути машқу машғулиятҳои ҷисмонӣ бояд иборат бошад.

Ҳадаф аз андешаҳои дар боло ироашуда аз он шаҳодат медиҳанд,

ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб Шарипов Ҳалим дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир тавсияҳои илмӣ – амалӣ, ки барои шиносоии кӯдакон бо маданияту фарҳанг ва ғамхорӣ дар бораи саломатии шахсӣ бояд мавриди ҷалби натанҳо мутахассисони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бошад, балки мавриди омӯзиши кормандони тиб, волидайн, психологҳо ҳамчун иштирокчии фаъоли ин ҷараён қарор гирад. Дар ин росто, дар тарбияи ҷисмонии хонандагон нақши асосиро омӯзгорони фанҳои таълимӣ, роҳбарони синфҳо, ташкилотчиёни корҳои тарбиявӣ ва махсусан муаллимони синфҳои ибтидоӣ мебозанд. Танҳо бо саъю кӯшиши кулли ҳайати омӯзгорӣ мумкин аст масъалаи шиносоии насли наврасро ба тарзи ҳаёти солим ва муносибат ба фарҳанги ҷисмонӣ ҳамчун арзиш ташаккул дода мешавад, таҳия ва барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Таҳқиқотҳои солҳои охир собит намуданд, ки теъдоди бештари омӯзгорон муҳиммияти тарбияи ҷисмониро ҳамчун воситаву васоили мустаҳкам кардани саломатӣ ва барқарор кардани қувваҳои ҷисмонӣ мешуморанд, вале бояд тазаккур дод, ки на ҳамаи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба ташкил намудан ва гузаронидани фаъолияти ҷисмониву варзишӣ омодаанд, махсусан норасоӣ дар дониш ва маҳорату малакаҳои истифодаи воситаҳои тарбияи ҷисмонӣ дар корҳои тарбиявӣ бо хонандагони хурдсол эҳсос мегардад.

Хусусиятҳои ташаккулёбии арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён - омӯзгорони оянда дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти талаботи таҳсилоти муосир ошкор ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Дар баробари ин, довталаб Шарипов Ҳалим дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқиқу таҳлили проблемаҳои муҳимеро вобаста мавзуи диссертасия ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо то андозае комёб гаштааст. Аз ҷумла:

- таҳлили асосҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани омӯзгорониояндаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ;
- муайян кардани самти инкишофи низоми тарбияи ҷисмонӣ дар шароити дигаргуншавии муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- муайян кардани самаранокии бунёди анъанавии тарбияи ҷисмонӣ дар шароити мусоиди таълимӣ ва иқтидори захираҳои иловагӣ;

- таҳия ва ба таври озмоиш асоснок намудани шароитҳои мусоиди таълимии ба ташаккули арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён-омӯзгорони оянда дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ.

Бинобар ин, бо боварӣ метавон гуфт, ки таҳқиқоти довталабро ниҳоят мубрам, саривақтӣ ва дархури ташаккулёбии арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён - омӯзгорони оянда дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ арзёбӣ кунем.

*Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:*

Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Шарипов Ҳалим, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешниҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсбарангез нестанд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллиф:

- ҷанбаҳои назариявӣ ва моҳияти тарбияи ҷисмонӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, ошкор карда шуданд;

- асосҳои психологӣ-педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ муайян карда шуданд;

- самтҳои асосии беҳдоштӣ – профилактикии ташкили машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аниқ карда шуданд;

- технологияи баргузории машғулияти тарбияи ҷисмонӣ таҳия шуда, хусусиятҳои хоси он дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ муайян карда шудааст;

- технологияи педагогии машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии равияи омӯзгорӣ коркард шуда, мавриди озмоиш қарор дода шуд ва самаранокии он дар ташаккули

арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён-омӯзгорони оянда дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ собит карда шуд.

Нуқтаҳои илмии зерини аз ҷониби муаллифи таҳқиқот ба ҳимоя пешниҳодшуда натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро барои баррасӣ муаррифӣ карда, мундариҷа ва муҳтавои мантиқии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд:

- ошкор карда шуд, ки ҷараён гирифтани таълим дар шароити номусоид ва дастрас набудани лавозимоти варзишӣ барои иҷрои машқҳои тарбияи ҷисмонӣ асоси коҳиш ёфтани нишондиҳандаҳои функсионалии ҳолати организм, қобилияти зеҳнӣ, омодагии ҷисмониву касбӣ ва зиёд шудани бемории мегардад;

- дар ҳолати дастрасӣ ба лавозимотҳои варзишӣ ва хуб ба роҳ мондани шароити таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ташкил кардани машғулиятҳо, намудҳои хурди машғулиятҳои варзишӣ дар шакли машқҳои алоҳида ва ё маҷмӯаҳо барои иҷро кардани машқҳои беҳдоштӣ имконият медиҳанд;

- дар нимаи дуюми рӯзи таълимӣ барои баромадан аз ҳолати хасташавӣ ва дастгирии кори фикрии донишҷӯён иштироки онҳо дар маҳфилҳо, озмунҳо, олимпиадаҳо ва дигар воҳӯрию чорабиниҳои варзишӣ мувофиқи мақсад аст.

*Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:*

Муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ асосноккунии самт ва мазмуннок намудани машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ, барои донишҷӯёне, ки дар шароити мусоиди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ таълим мегиранд пешбинӣ карда шудааст. Онҳо дар баробари худ назарияи тарбияи ҷисмонии донишҷӯёнро бо маълумоти нав дар бораи имконоти шакл ва воситаҳо ва методҳои тарбияи ҷисмонӣ доир ба таъмини ҳаллу фасли вазифаҳои дар пеш гузошта шуда, дар шароити ғайристандартӣ ва нисбатан мураккаби таълим такмил мекунанд, мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст.

Яке аз самтҳои хуби таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки муаллифи рисола корҳои илмии муаллифони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда, маводи таърихӣ ва асарҳои педагогҳои ватанӣ, таҷрибаи ҷамъбастшудаи пешқадами педагогӣ ва таҷрибаи бисёрсолаи шахсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташкил медиҳанд.

Бояд зикр кард, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ то ба имрӯз ба қадри кофӣ аз ҷониби олимони соҳаи педагогикаи тоҷик мавриди таҳқиқ қарор нагирифта, вобаста ба ин муҳаққиқ дар ин ҷода кори илмӣ-таҳқиқотии шоёнеро, шогирдона бошад ҳам, ба анҷом расонидааст. Зеро барои донишҷӯён-хатмкунандагони муассисаҳои таълимии равияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзишдошта, ки бештар ба обутоби бадан машғул шуда, ба рушди маърифатнокии хеш камтар таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, соҳиби фаъолияти маърифати баланд шудан аз асоситарин мақсаду вазоифи раванди таълиму тарбия дар ин гуна муассисаҳои таълимӣ бояд бошад.

Аз ин дидгоҳ, унвонҷӯй таҳқиқоти шоёну муҳимеро ба сомон расонидааст, ки дархури ниёзҳои ҷомеаи имрӯза мебошад.

Саҳеҳият ва асоснокии илмии хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ тавассути далелҳои методологии амалияи муқаррарот; мантиқи илмии асоснокшудаи таҳқиқи масъала; истифодаи васеи сарчашмаҳои илмии муътамад, интихоби методҳое, ки ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқанд, давомнокии корҳои озмоишӣ-озмоишӣ, таҳлили омории маълумоте, ки дар натиҷаи ҷавобҳои иштирокчиёни таҳқиқот ба даст омадаанд, таъмин карда шудаанд.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар ду номгӯй дастури таълимӣ, ду номгӯй барномаи таълимӣ ва 16 номгӯй мақолаҳои илмӣ, ки 9 номгӯй аз онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

*Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:* Арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд:

- самтҳои афзалиятноки тарбияи ҷисмонӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи омодагии ҷисмонии донишҷӯёни таълимгиранда дар шароитҳои номусоиди таълимӣ таҳсил мекунанд, мусоидат мекунад, мураттаб карда шудааст;

- мазмун ва мундариҷаи машғулиятҳои таълимии тарбияи ҷисмонӣ барои донишҷӯёне, ки дар шароити номусоиди таълимӣ таҳсил карда, имконияти иҷрои нақшаю барномаҳои таълимиро надоранд, таҳия карда шудааст;

- шаклҳои хурди машғулиятҳои варзишӣ дар намуди машқҳои

ҷудогона ва маҷмуи онҳо барои иҷро намуданашон дар шароити хона, ки рушди мақсадноки сифатҳои муайяни ҷисмониро чун василаи такмил барои сарбориҳои ҷисмонӣ, ҷиҳати иҷрои онҳо дар машғулиятҳои таълимӣ таъмин мекунанд ба шароити муосир мутобиқ карда шудаанд;

- тавсияҳои методӣ доир ба ташкил ва татбиқи машғулиятҳои таълимӣ ва мустақилона, инчунин низоми алоқаи баргаштӣ ва назорат аз болои иҷроиши супоришҳо ва динамикаи тағйироти ба амалоянда таҳия карда шудаанд;

- роҳу усулҳои самараноки фаврии барқарор намудани қувваи кории донишҷӯён дар қисмати дуюми рӯзи таълимӣ, ки истифодаи онҳо иштироки фаъоли донишҷӯёнро дар ҷараёни таълим таъмин мекунанд.

*Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:* Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методии дар Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва дигар муассисаҳои таълимӣ муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар ду номгӯй дастури таълимӣ, ду номгӯй барномаи таълимӣ ва 16 номгӯй мақолаҳои илмӣ, ки 9 номгӯй аз онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

*Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:* Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия,

ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Диссертант дар таҳқиқи рисолаи илмӣ воқеан ҳам заҳмати зиёд кашида, худро ҳамчун як мутахассиси донандаи соҳаи худ муаррифӣ карда тавонистааст. Автореферат низ ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Аз ин рӯ, бо боварии том метавон диссертатсияи Шарипов Ҳалим Ҳокимовичро кори илмии баанҷомрасида ва арзиши илмии назариявӣ ва амалидошта ҳисобид.

*Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:* Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо низ холӣ нест, аз он ҷумла:

1. Азбаски довталаб солиёни зиёд дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фаъолият дорад бисёр хуб мешуд, ки намунае чанд аз таҷрибаи касбии худ ё ҳамкоронро дар диссертатсия мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медод.

2. Муаллифи диссертатсия таъкид кардаанд, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва моҳияти тарбияи ҷисмонӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ дар коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муайян ва асоснок карда шудаанд. Агар дар қисми таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии дигари ҷумҳурӣ ҷалб ва иштирок мекарданд, ба баландшавии арзиши кори диссертатсионӣ мусоидат мекард.

3. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва грамматикиро дидан мумкин аст, ки ислоҳи онҳо сифати кори илмиро баланд менамуд.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудиҳо ба арзиши илмиву амалии диссертасия ягон таъсир намерасонанд.

## ХУЛОСАИ ҶАМЪБАСТӢ

1. Диссертатсияи Шарипов Ҳалим Ҳокимович кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

3. Диссертатсияи Шарипов Ҳалим Ҳокимович дар мавзуи "Хусусиятҳои ташаккулёбии арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён - омӯзгорони оянда дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи

касбӣ", ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои
педагогӣ, дотсенти кафедраи илмҳои
ҷамъиятӣ ва гуманитарии филиали
Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В. Ломоносов Давлатов Д.Р.

Маълумот барои тамос
ш.Душанбе, гузаргоҳи Бохтар 35/1 Телефон:(+992)918667329
e-mail:d.r.davlatov@mail.ru Давлатов Д.Р.

Имзои Давлатов Дилшод Разоковичро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои махсуси
филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи
М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе Пирназаров С.М.